«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
д.и.и., профессор Насриддинзода Э. С.
________________________
«__14__»________________2026 с.

**ХУЛОСАИ**
**Кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Рисолаи диссертатсияи Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович дар мавзуи «Идоракунии стратегии рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои «Менеҷмент ва маркетинг» ва «Иқтисод ва идораи КАС» - и факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муҳокима шудааст.

Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович соли 1987 дар ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Соли 2010 ихтисоси низоми технологияи иттилоотии факултети технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизматро хатм намудааст.

Соли 2013 ба зинаи магистратура аз руи ихтисоси "Тенологияҳои Иттилоотӣ дар иқтисодиёт" дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2015 хатм намудааст.

Соли 2015 ба зинаи докторантура барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз руи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент), дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2018 ба итмом расонидааст. Дар давоми таҳсил тамоми санҷишҳо ва имтиҳонҳоро бо баҳои аъло супоридааст.

Роҳбари илмии Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Одиназода Шоҳин Талбак мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович дар ҷаласаи кафедраи «Менеҷмент ва маркетинг»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 19-уми ноябри соли 2015, суратмаҷлиси №04 тасдиқ карда шудааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Идоракунии стратегии рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» чунин хулоса бароварда шуд:

1. **Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович дар мавзуи «Идоракунии стратегии рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба мавзуи муаммоҳои мубрами муосири менеҷменти корхонаҳои кишоварзӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия иҷрогардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти шахсии докторант ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, ки нақши худро дар илми иқтисодӣ мегузоранд, ба муаллифи рисола дахл доранд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо муқаррароти асосӣ ва натиҷаи таҳқиқот инъикос гардида аст.

**Дараҷаи эътимоднокии таҳқиқоти анҷомдодашуда.** Дар диссертатсия вобаста ба вазифаҳои ҳалшаванда методҳои зерини таҳқиқ истифода бурда шудаанд: усули таърихӣ-мантиқӣ, иқтисодӣ-оморӣ, усули таҷлил ва синтез, таҳлили қиёсӣ ва графикӣ.

**Ба сифати сарчашмаҳои иттилоотӣ – таҷрибавии таҳқиқот.** Хулосаҳои назариявӣ санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, маводҳои маълумотӣ ва оморӣ дар бораи корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, инчунин маводҳои назариявӣ ва эмпирикӣ дар монографияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, маводҳои конфронсҳо ва маҷаллаҳои илмӣ, маърузаҳо, маълумотҳои омории мамлакатҳои хориҷӣ, захираҳои маълумотии шабакаи «Internet», коркард ва ҳисобҳои шахсии муаллиф истифода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар коркарди стратегияи рушд ва баландбардории идоракунии корхонаҳои агросаноатӣ дар давраи дарозмуддат асос ёфтааст, мебошад.

Унсурҳои асосии навгонии татқиқот дар муқаррароти зерин барассӣ мешаванд:

1. Дар асоси назарияҳои мавҷуда, моҳияти «Идоракунии стратегии рушди корхонаҳо (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» бо назардошти асосҳои консептуалӣ пешниҳод гардидааст.

2. Маҷмӯи нишондиҳандаҳои базавӣ ва иловагии устувории стратегияи рушди корхона дар асоси кластерикунонии системаи ҳамгирой дар низоми идоракунӣ таҳлил гардида, методи пурраи кофӣ ва ҳамаҷонибаи низоми фаъолияти идоракунии корхонаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шудааст.

3. Илман исбот карда шудааст, ки идоракунии стратегии рушди корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити бӯҳрони сармоягузорӣ аз натиҷаи фаъолияти корхонаҳо,захираҳо ва дастгирии он алоқаманд мебошад.

4. Модели нишондиҳандаҳои байни индекси самараноки фаъолият ва захираҳои корхонаҳои кишоварзӣ дар заминаи моделикунонии иқтисодӣ-математикӣ, ки имконияти ошкорсозии омилҳои пешсафро фароҳам меорад ва аз бисёр ҷиҳат самтҳои самараноки идоракуние, ки ба фаъолгардонии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ равона карда шудааст, коркард карда шудаанд.

5. Стратегияи дурнамои рушди ҳамаҷонибаи субъектҳои хоҷагидории комплекси агросаноатӣ дар доираи лоиҳаи мушаххаси сармоягузорӣ пешниҳод гардид, ки ҳадафи глобалии он - ташаккули талаботи устувори пардохтпазир ба маҳсулоти кишоварзӣ буда, ҳолати мусбати молиявии корхонаро таъмин менамояд, коркард гардидааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ҳангоми таҳияи стратегия ва барномаҳои давлатии рушди бахши комплекси агросаноатӣ истифода намудан мумкин аст. Баъзе тавсияҳо ва пешниҳодҳои муаллиф дар таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба такмили низоми идоракунии раванди ташаккулдиҳии ҳолати воқеии идоракунии стратегии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ нигаронида шудаанд. Ҳолатҳои асосноккардашуда ва хулосаҳо метавонанд дар фаъолияти институтсионалӣ ва соҳавӣ истифода шаванд.

Муқаррароти назариявӣ ва методии рисоларо дар раванди тадриси фанҳои "Назарияи иқтисодӣ ", "Иқтисоди институтсионалӣ", «Иқтисоди КАС», «Менеҷмент дар КАС", дар кори илмӣ-таҳқиқотии аспирантон ва унвонҷуён истифода бурдан мумкин аст.

**Натиҷаҳои асосӣ ва муқаррароти диссертатсия,** дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ва семинарҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш карда шудаанд. Ҳолатҳои махсуси таҳқиқоти диссертатсия ба Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, дар корхонаҳои кишоварзӣ истифода шудаанд. Тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асосноккардашуда дар раванди таълим ҳангоми гузаронидани

машғулиятҳои дарсӣ дар ДМТ истифода мешаванд. Хулосаҳо, пешниҳодот ва тавсияҳои методии дар диссертатсия нишондодашуда дар мақолаҳои илмии нашргардида пешниҳод гардидаанд.

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо ихтисос.** Диссертатсияи Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович дар мавзуи «Идоракунии стратегии рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) » барои дарёфти дараҷаи илмии доктор Ph.D, доктори фалсафа аз руйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 - Менеҷмент), барои баррасӣ пешниҳод мегардад.

**Мутобиқати матн ва навгонии рисола ба ихтисоси интихобшуда.**

Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот мутобиқи Шиносномаи номгуи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руи самти ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент иҷро гардида, бо бандҳои зерин мувофиқат менамояд: 10.1. Коркарди проблемаҳои илми идоракунӣ ва методҳои маърифати он. Ақидаҳои назариявӣ нисбат ба табиат, моҳият ва инкишофи идоракунӣ. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи идоракунӣ. Асосҳои фаннӣ ва байнифаннии идоракунӣ; 10.9. Ташкилот ҳамчун объекти идоракунӣ. Асосҳои назариявӣ-методии идоракунии ташкилот. Таркиби функсионалии идоракунӣ. Сохтори идоракунии ташкилот. Ҷанбаҳои дарозмуҳлат, миёнамуҳлат ва кутоҳмуҳлати идоракунии ташкилот, идоракунии ҷорӣ. Идоракунии ташкилот аз руи даврҳои ҳаётии он; 10.10. Лоиҳакашии системаи идоракунии ташкилот. Шаклҳои нави амалкард ва инкишофи системаи идоракунии ташкилот. Системаҳои иттилоотӣ дар идоракунии ташкилот. Сифати идоракунии ташкилот. Методологияи инкишофи бизнес-равандҳо. Инкишофи методология ва методҳои идоракунии системаи инноватсионии корпоративӣ. 10.11. Ҷараёни идоракунии ташкилот, зерсистемаҳо ва функсияҳои алоҳидаи он. Ҳадафмуайянкунӣ ва банақшагирӣ дар идоракунии ташкилот. Назорат, мониторинг и бенчмаркинг. Механизмҳо ва методҳои қабул ва амалисозии қарорҳои идоракунӣ. Идоракунии лоиҳаҳо. Идоракунии донишҳо. Менеҷменти таваккал. Идоракунии истеҳсолот. Системаҳои муосири истеҳсолӣ.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Оид ба натиҷаҳои таҳқиқот 18 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 6,3 ҷ.ч., аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонда шуд. Дар ин мақолаҳои илмӣ ақидаҳои илмии муаллиф ва принсипҳои асосии таҳқиқот оварда шудаанд.

## РУЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РУИ МАВЗӮИ ТАҲҚИҚОТИ ИЛМӢ:

**А) Мақолаҳое, ки дар маҷалаҳои тақризшаванда ва эътирофгардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1-М]** Абдусаломов Ф. А. Региональная специализация сельскохозяйственного производства Таджикистана. [Текст] / М. Д. Шоазизова., Ф. А. Абдусаломов., М. Ф. Хуррамова., С. Джалилзода // Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. - № 3(49) 2016. Саҳ.49-52.

**[2-М]** Абдусаломов Ф. А. Арзёбии идоракунии стратегии корхонаҳои кишоварзии агросаноатӣ. [Матн] / Ф. А. Абдусаломов // Паёми ДМТ.- № 2/8(215) 2016. Саҳ.126-129.

**[3-М]** Абдусаломов Ф. А. Зарубежный опыт государственного регулирования аграрного сектора. [Текст] / Ш. Т. Одинаев., К. И. Изатов., Ф. А. Абдусаломов // Паёми ДМТ.- № 2/10(219) 2016. Саҳ.244-249.

**[4-М]** Абдусаломов Ф. А. Хусусиятҳои стратегии идоракунии рушди корхонаҳои КАС. [Матн] / Ф. А. Абдусаломов // Паёми ДМТ. - № 2/6 2017. Саҳ.52-56.

**[5-М]** Абдусаломов Ф. А. Кластеризатсия самараи мусбии ташаккули корхонахо, инчунин асоси рушди инноватсионӣ ва рақобатпазирии минтақа. [Матн] / Ф. А. Абдусаломов., Ш, Т, Одинаев // Паёми ДМТ. - № 2/7, 2017. Саҳ.82-85.

**Б) Мақолаҳое, ки дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ чоп шудаанд:**

**[6-М]** Абдусаломов Ф. А. Осебенности неэластичного спроса на селскохозяйственную продукцию и его влияние на результативность дехканского (фермерского) хозяйства. [Текст] / Н. Н. Сафарова., Ф. А. Абдусаломов., М. А. Ҳайитова // Маводҳои семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ (Таҳлили ҳадди ақали сабади истеъмолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) Институти иқтисодиётм кишоварзии АИКТ, н. Рудаки, 14 марти соли 2016. №3 Саҳ.131-137.

**[7-М]** Абдусаломов Ф. А. Сиёсати аграрии давлат дар раванди ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ. [Матн] / Ш. Т. Одинаев., М. М. Назаров., Ф. А. Абдусаломов., // Маводҳои конфренсияи илмию амали ҷумҳуриявӣ. (Масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ бо маҳсулоти худӣ ва роҳҳои ҳалли он) Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ, ш. Турсунзода, 01 марти соли 2016. №99 Саҳ.26-35.

**[8-М]** Абдусаломов Ф. А. Устойчивое развитие сельского хояйства как условия обеспечение продовольственной безопасности страны. [Текст] /

А. Б. Мирсаидов., Н. Б. Файзов., Ф. А. Абдусаломов., // Маводҳои конфренсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ ( Масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ бо маҳсулоти худӣ ва роҳҳои ҳалли он.) Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ, ш.Турсунзода, 01 марти соли 2016. №99 Саҳ.43-55.

**[9-М]** Абдусаломов Ф. А. Нқшаи соҳаи кишоварзӣ дар таъмини амнияти оҳуқаворики Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ф. А. Абдусаломов // Маводҳои конфренсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ (Масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ бо маҳсулоти худӣ ва роҳҳои ҳалли он.) Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ, ш. Турсунзода, 01 марти соли 2016. №99 Саҳ.254-263.

**[10-М]** Абдусаломов Ф. А. Рушди инфрасохтори бозори маҳсулоти кишоварзӣ. [Матн] / Ш. Т. Одинаев., М. М. Назаров., Ф. А. Абдусаломов // Маводҳои семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ (Таҳлил ва арзёбии иқтисодии рушди боғу токпарварӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.) Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ, ш. Душанбе, 12 январи соли 2017. №5 Саҳ.29-35.

**[11-М]** Абдусаломов Ф. А. Такмили танзими давлатӣ ва дастгирии соҳибкорӣ дар КАС. [Матн] / Ф. М. Алимова., Ф. А. Абдусаломов., Р. Ш. Бозориев // Маводҳои мизи мудаввар ( Таҳлили ҳолати бозори маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ.) Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ, ш. Душанбе, 2017. №5 Саҳ.170-178.

**[12-М]** Абдусаломов Ф. А. Развитие аграрного производство в условиях обеспечения продовольственной безопасности. [Текст] / М. М. Назаров., Н. С. Шарипов., Ф. А. Абдусаломов // Материалы Республиканской научно - практической конфренции ( Развитие стабильной энергетики в годы независтмости.) 22-23 декабря 2016 года, Хатлонская область, Бохтарский район, Республики Таджикистан. Посвяшенный праздванию дня энергетиков и 10-летия Института энергетики Таджикистана. 2016. Саҳ.254-261.

**[13-М]** Абдусаломов Ф. А. Изучение мирового опыта регулирования аграрного производства. [Текст] / М. Ш. Одинаев., Ш. Д. Рахимзода., Ф. А. Абдусаломов // Маводхои конфренстяи илмии Ҷуиҳуриявӣ. ( саҳми олимони ҷавон дар рушди илми кишоварзӣ) ш. Душанбе, 2017. Саҳ.260-267.

**[14-М]** Абдусаломов Ф. А. Пути обеспечения устойчивого развития аграрного сектора. [Текст] / Ф. М. Аминова., Ф. М. Алимова., Ф. А. Абдусаломов // Маводҳои семинарии илмию амалии минтакави. (Арзёбии

иктисодии маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон ). ш. Душанбе, 12 январи соли 2017. №5 Саҳ.339-350.

**[15-М]** Абдусаломов Ф. А. Основные пути регулирования продовольственного рынка. [Текст] / Дж.С. Пиризода., Ф. А. Абдусаломов., Ш. С. Зайнуллоев., Т. С. Рахимова // Маводҳои семинарии илмӣ – амалии минтакави ( роҳҳои ба танзим даровардани нарх дар бозори махсулоти кишоварзӣ), ш Душанбе 07 феврали соли 2018с. №6 Саҳ.3-10.

**[16-М]** Абдусаломов Ф. А. Совершенствование форм и механизмов производственно - территориальной организации продовольственного комплекса (на примере Согдийской области). [Текст] / З. Г. Бабаджанова., Ф. А. Абдусаломов // Маводҳои мизи мудаввари илмию амалӣ (дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ омили асосии таъмини амнияти озуқаворӣ). ш. Душанбе 31 январи 2019с. №6 Саҳ.196-208.

**[17-М]** Абдусаломов Ф. А. Эффективность обеспечения населения продовольственными продуктами. [Текст] / Косим Тоирзода., Ш. И. Давлатов., Ф. А. Абдусаломов // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ. Кишоварз -№-1(81). ш. Душанбе.- 2019с. Саҳ.192-195.

**[18-М]** Абдусаломов Ф. А. Усулҳои гуногуни идоракунии рушди корхонаҳои КАС. [Матн] / Ф. А. Абдусаломов., Н. Н. Сафарова., О. М. Муродалиев // Маводҳои семинарии илмию амалии минтақавӣ дар мавзӯи “Роҳҳои дастгирии давлатии бахши хусусӣ дар соҳаи кишоварзӣ“. н. Рӯдакӣ 29 июли соли 2022. Саҳ. 129-139.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович дар мавзуи “Идоракунии стратегии рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктор Ph.D, доктори фалсафа аз руйи ихтисоси: 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) рисолаи илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсияи Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович дар мавзуи “Идоракунии стратегии рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктор Ph.D, доктори фалсафа аз руйи ихтисоси: 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) рисолаи илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида ба экспертизаи навбатӣ пешниҳод карда шавад.

“тарафдор”- 23 нафар,
“муқобил” – нест,
“бетараф” - нест,

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои «Менеҷмент ва маркетинг» ва «Иқтисод ва идораи КАС»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 13 -уми феврали соли 2026, суратмаҷлиси №07 қабул гардидааст.

**Раиси ҷаласа:**
**н.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети иқтисод ва идораи ДМТ** **Содиқов Қ. А.**

**Котиби ҷаласа:**
**н.и.и., муаллими калони кафедраи иқтисод ва идораи КАС** **Бахтиёри Изатулло.**

**Имзоҳои Содиқов Қ.А. ва Бахтиёри Изатулло. - ро тасдиқ мекунам,**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э. Ш.**

**«14» 02 2026 с.** **ш. Душанбе**